«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж. Б. ________________
«07» ____05______ соли 2025.

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович **«Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

**Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович** солҳои 2001-2006 дар факултети рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) таҳсил намудааст. Солҳои 2006-2008 котиби масъул ва иҷрокунандаи вазифаи сармуҳаррири нашрияи Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Радиф-инфо» ва солҳои 2007-2010 муҳаррири шуъбаи мактабҳои олӣ ва котиби масъули нашрияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Омӯзгор» буд. Аз моҳи июни соли 2010 то моҳи октябри соли 2018 ҳамчун мудири шуъбаи табъу нашр, сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгори ҷавон» ва сармуҳаррири маҷаллаи «Наврӯста»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият кардааст. Аз соли 2011 ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолияти омӯзгорӣ низ намуда, аз 26-

уми октябри соли 2018 то 23-юми сентябри соли 2024 дар вазифаи декани факултети филология ва рӯзноманигорӣ дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода фаъолият кардааст. Ҳамзамон, аз соли 2018 то имрӯз дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи мазкур мебошад. 23-юми сентябри соли 2024 Бахтиёр Абдураҳимов муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин гардидааст.

Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович соли 2017 дар мавзуи «**Муҳтавомандӣ ва гуногунрангии жанрҳои барномаҳои телевизионӣ (дар мисоли телевизионҳои давлатии тоҷик)**» диссертатсияи номзадиашро ҳимоя карда, дар маҷмуъ муаллифи 50 мақолаи илмӣ, 4 монография ва 1 дастури таълимӣ мебошад.

Мушовирони илмии Абдураҳимов Б.А. доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷ (Адабиёти тоҷик) Салими Хатлонӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ Абдуллозода Масрур мебошанд.

Мавзуи диссертатсияи доктории Абдураҳимов Б.А. дар Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон аз 26.11.2020 бо қарори № 4/3-6 тасдиқ шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Мавзуи “Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX” пурра ба ихтисосҳои “Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ” ва “Рӯзноманигорӣ” мувофиқат мекунад. Мавзуъ дар чорчӯбаи шиносномаи ихтисос, ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва робитаи байни ду соҳаи муҳими илмию эҷодӣ – адабиёт ва матбуотро таҳқиқ менамояд. Диссертатсия ба барномаҳои илмии кафедра ва талаботи шиносномаи ихтисос мутобиқ аст. Муҳтавои кори илмӣ дар таҳқиқи раванди ташаккули адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ дар оғози асри XX асос ёфтааст. Номи мавзуъ ва муҳтаво ба талаботи шиносномаи ихтисос пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба

“Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, адабиёти ҷаҳон ва рӯзноманигорӣ метавон такя кард. Таъсири мутақобилаи адабиёт ва матбуот ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва ҳувияти миллӣ мусоидат мекунад. Таҳқиқи ин равандҳо барои муайян кардани дурнамои рушди адабиётшиносӣ ва рӯзноманигорӣ зарур мебошад. Мавзуъ имконияти тавсеаи муносибатҳои байнисоҳавиро низ фароҳам меорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Интишорот аз рӯйи муҳтавои диссертатсия интихоб ва омода шудаанд. Дар мақолаҳо ва монография масъалаҳои асосии таҳқиқ, ба мисли шаклгирии жанрҳо ва таъсири матбуот ба адабиёт инъикос ёфтаанд. Маводи илмӣ бо муҳтавои кори асосӣ мутобиқ буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дар онҳо пурра бозтоб ёфтаанд. Интихоби мавзуъ барои ҳар як мақола мувофиқ ба бобҳои асосии диссертатсия сурат гирифтааст. Хулосаҳои диссертатсионӣ бо натиҷаҳои дар интишорот пешниҳодшуда яксон мебошанд. Теъдод ва мазмуни интишорот ба талаботи илмии соҳа ҷавобгӯ аст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Мундариҷа ва хулосаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд. Маърузаҳо ва тавсияҳои таҳқиқ дар ҷаласаҳои кафедраҳои марбута тасдиқ ёфтаанд. Чунин коркардҳо барои такмили курсҳои “Таърихи адабиёт” ва “Журналистика” истифода мешаванд. Татбиқи натиҷаҳо дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсус имконпазир гаштааст. Маводди таҳқиқ ба донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон кумак мекунад. Ҳамзамон, натиҷаҳо барои фаъолияти методӣ ва такмили барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Муаллифи диссертатсия мустақилона мавзуи таҳқикро интихоб ва равишҳои муосири илмиро татбиқ намудааст. Ҳама марҳилаҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳо аз ҷониби довталаб амалӣ шудаанд. Таҳқиқи жанрҳо ва таҳлили забони адабӣ дар матбуоти нахустини тоҷикӣ низ бо заҳмати мустақими довталаб анҷом ёфтааст. Диссертант бо истифода аз усулҳои таърихӣ ва муқоисавӣ омилҳои таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиётро муайян кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқ ҷанбаҳои тозаи илмӣ ва навовариҳои назариявӣ пешниҳод шудаанд. Саҳми шахсӣ дар таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аён аст. Натиҷаҳо дар асоси корҳои шахсӣ ва бо дастгирии равишҳои илмии муосир ба даст омадаанд. Ба ин васила саҳми довталаб дар таҳқиқи диссертатсия назаррас ва таъсиргузор мебошад.

Мавзуи диссертатсия “Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX” ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқи шиносномаи ихтисосҳои илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 16 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Бахтиёр Абдураҳимов дар 1 монография ва 27 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки ҳаҷми умумии мақолаҳо 16,81 ва ҳаҷми монография 15, 61 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

## I. Монография:

1. Абдураҳимов, Б. Афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар адабиёти солҳои бистуми асри XX (Дар асоси маводи нашрияҳои “Овози тоҷик”, “Бедории тоҷик”, “Дониш ва омӯзгор” ва “Раҳбари дониш”) [Матн] / Б. Абдураҳимов. – Душанбе: ҶДММ “Абдураҳмон – Р”, 2025. – 250 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Абдураҳимов, Б.А. Хусусиятҳои жанри ҳикоя дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ва таъсирпазирии он аз повести устод Айнӣ «Одина» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №2 (85). – С. 101-110.

2. Абдураҳимов, Б.А. «Шуълаи инқилоб» – поягузори жанри ҳаҷв дар адабиёти навини тоҷик ва матбуот [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2020. – №3 (39). – С. 63-71.

3. Абдураҳимов, Б.А. Намунаи шеъри иҷтимоӣ дар маҷаллаи «Оина» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 263-271.

4. Абдураҳимов, Б.А. Ду иқдоми наҷиби рӯзномаи «Бухорои шариф» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4 – С. 306-313.

5. Абдураҳимов, Б.А. Пайванди адабиёти навин ва матбуоти тоҷик [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №5 (88) – С.79-85.

6. Абдураҳимов, Б.А. Вазифаи руҷӯи лирикӣ дар матбуот (дар мисоли маҷаллаи «Оина») [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С.112-119.

7. Абдураҳимов, Б.А. Иртибот ва таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри бистум [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №4 (44). – С.92-101.

8. Абдураҳимов, Б.А. Махсусиятҳои фелетони матбуоти аввалини тоҷик [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №6 (95). – С.212-219.

9. Абдураҳимов, Б.А. Мавқеи нашрияҳои тоҷикӣ дар баландбардории эътибори байналмилалии забон [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми

Донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ. – Хоруғ, 2022. – №4 (24). – С.10-19.

10. Абдураҳимов, Б.А. Масъалаҳои маориф дар шеър ва публитсистикаи маҷаллаи «Оина» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов., С. Хатлонӣ // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С.152-161.

11. Абдураҳимов, Б.А. Шаклгирии анвои тозаи насри бадеӣ дар матбуоти нахустини тоҷик («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб») [Матн] /Б.А. Абдураҳимов., С. Хатлонӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №3 (55). – С.119-128.

12. Абдураҳимов, Б.А. Вижагиҳои тарҷумаи бадеӣ дар матбуоти нахустини тоҷикӣ [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (111). – С. 125-134.

13. Абдураҳимов, Б.А. Хусусияти жанрҳои нави бадеӣ дар нашрияҳои солҳои бистум [Матн] /Б.А. Абдураҳимов//Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. - №4 (56). – 218-225.

14. Абдураҳимов, Б.А. Нақши рӯзномаи «Бедории тоҷик» дар шаклгирии андешаи миллӣ ва танқиди иҷтимоӣ (1925-1928) [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №1 (57). – 222-231.

15. Абдураҳимов, Б.А. Ҷустуҷӯи мазмун ва шакли нав дар шеърҳои “Бухорои шариф” [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (115). – С. 166-175.

**III. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Абдураҳимов, Б.А. Таҳлили намунаи осори устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №3, (011). – С. 252-260.

2. Абдураҳимов, Б.А. Саҳми рӯзномаи «Бухорои шариф» дар ташаккули забони адабӣ [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои

Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. - №4 (012). – С. 217-224.

3. Абдураҳимов, Б.А. Эътибори байналмилалии забон ва нашрияҳои тоҷикӣ / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо”. – Душанбе, 2020. – С. 9-15.

4. Абдураҳимов, Б.А., Қаҳорзода, М., Маҳкамов, Д. Махсусияти тарҷумаи бадеӣ дар нашрияҳои тоҷикӣ [Матн] / Б.А. Абдураҳимов., М.Қаҳорзода., Д.Маҳкамов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо”. – Душанбе, 2020. – С. 233-242.

5. Абдураҳимов, Б.А. Баҳрабардории мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри бистум [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX». – Душанбе, 2021. – С. 312-327.

6. Абдураҳимов, Б.А. Таҳқиқ ва таҳлили осори адабии рӯзномаи “Бедории тоҷик” [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. - №3, (015). – С. 200-207.

7. Абдураҳимов, Б.А.Ташаккули забони адабӣ дар нимаи аввали асри XX дар Бухоро [Матн]/Б.А.Абдураҳимов//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе, 2021. – С. 28-44.

8. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д., Қаҳорзода, М. Ташаккули жанрҳои нави насри бадеӣ дар матбуоти аввалини тоҷик («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб») [Матн] / Б.А. Абдураҳимов., Д.Маҳкамов., М.Қаҳорзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX». – Душанбе, 2021. – С. 420-441.

9. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д.С. Баррасии шаммае аз асарҳои Садриддин Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» [Матн] /Б.А. Абдураҳимов., Д.С.Маҳкамов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-

амалӣ таҳти унвони «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе, 2021. – С. 45-67.

10. Абдураҳимов, Б.А. Нақши матбуот дар инъикоси адабиёти давраи навини тоҷик [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир». – Душанбе, 2022. – С. 26-34.

11. Абдураҳимов, Б.А. Навовариҳо дар ашъори рӯзномаи «Бухорои шариф» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 438-448.

12. Абдураҳимов, Б.А. Нақши матбуоти нахустини тоҷикӣ дар шаклгирии услуби тарҷумаи бадеӣ [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи “тарҷумашиносӣ””. – Душанбе, 2024. – С. 16-28.

Ҷаласа қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимовичро дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимовичро дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраи назария ва таърихи адабиёт ва кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул гардид. Дар ҷаласа доктори

илмҳои филологӣ Мурод Муродӣ ва доктори илмҳои филологӣ Нуриддин Бозорзода аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар наздаш Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 амал менамояд, ширкат карданд.

Иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори суратҷаласаи № 10/1, аз 06.05.2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Исрофилниё Ш.Р.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи назария
ва таърихи адабиёт — Шамсов Н.С.

Мудири кафедраи
журналистика ва
иттилооти рақамӣ — Наврӯззода Д.С.

**Котиби илми ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи
назария ва таърихи адабиёт — Боев Ш.Э.

*«Имзоҳои Исрофилниё Ш.Р., Шамсов Н.С., Сафарова Г.Ф. ва Боев Ш.Э.-ро тасдиқ мекунам»*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С.Улуғзода — Юсупова Б.Ғ.

«07» майи соли 2025.